**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба дисертатсияи Сафарзода Рухангези Акбар дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии низоми калимаҳои мураккаб ва сохторҳои нимтиредор дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз нигоҳи тарҷума» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D021300-Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ – таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)**

Забон ҳамеша дар ҳоли рушд ва инкишоф қарор дорад, зеро тағйирот дар соҳаҳои гуногуни ҷомеа, аз ҷумла дигаргуниҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, гуманитарӣ ва ғайра дар ин раванд бетаъсир намемонанд. Барои рушди ҳамаҷонибаи забони тоҷикӣ дар шароити нави муносибатҳои байналмилалии соҳаҳои гуногуни Тоҷикистон бо кишварҳои дигар, аз ҷумла кишварҳои англисзабон, таҳқиқоти бонизом ва пайдарпайи забонишиносӣ, аз ҷумла аз нигоҳи муқоиса ва тарҷума лозиманд. Имрӯз, ки Тоҷикистони соҳибистиқлол бо кишварҳои гуногун муносибатҳои мустақим барқарор намуда, онҳоро дар соҳаҳоигуногун, аз ҷумла соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ, илмӣ ва ғайра рушд медиҳад, таълифи диссертатсияҳо дар риштаи муқоиса ва тарҷума бо истифодаи маводҳои гуногуни забони тоҷикӣ бо дигар забонҳо, аз ҷумла бо забони англисӣ, аҳамияти хос пайдо кардааст. Аз ин лиҳоз интихоби мавзуи Сафарзода Рухангези Акбар таҳти унвони «Таҳлили муқоисавии низоми калимаҳои мураккаб ва сохторҳои нимтиредор дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз нигоҳи тарҷума» комилан мантиқӣ ва саривақтӣ буда, дар раванди густариши робитаҳои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ саҳми арзанда мегузорад.

Бояд тазаккур дод, ки ҳар як забон дар муҳити хоси худ инкишоф ёфта, воҳидҳои гуногунеро дар бар мегирад, ки хоси ҳамин забон буда, ҳангоми муқоиса ва алалхусус тарҷума ба забонҳои дигар мушкилии хос эҷод менамоянд. Забони англисӣ, дар қатори дигар воҳидҳои хоси худ, дорои як идда калимаҳои мураккаб ва сохторҳои нимтиредор мебошад, ки аз нигоҳи сохтор ва ифодёбӣ беҳамто буда, масъалаи тарҷумаи онҳо бо роҳҳои анъанавӣ сурат намегирад ва дар раванди тарҷума зарурати ҷустуҷӯи роҳҳои махсуси тарҷума пеш меояд. Диссертатсияи мавриди назар ба ҳамингуна

мавридҳо ва роҳҳои ифодаи калимаҳои мураккаб ва воҳидҳои луғавии нимтиредори забони англисӣ дар забони тоҷикӣ равшанӣ меандозад.

Диссертатсияи Сафарзода Рухангези Акбар аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳрасти адабиёт иборат аст.

Дар муқаддима муаллиф интихоби мавзуи таҳқиқотии худро асоснок намуда, ба дараҷаи омӯзиш, аҳамият ва мақсаду вазифаҳои он равшанӣ меандозад ва ҳамчунин оид ба объекти таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия ёдовар мешавад.

Боби якуми дисертатсия «Асосҳои лингвистии омӯзиши воҳидҳои мураккаби луғавӣ» ба масъалаҳои назариявии мавзуъ бахшида шудааст. Дар он аз ҷумла адабиёти илмии марбут ба воҳидҳои мураккаби забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ, масъалаҳои инъикоси воҳидҳои мураккаби забони англисӣ дар фарҳанги луғоти дузабонаи англисӣ-тоҷикӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Воқеан ҳам забон бо системаи овозҳо, сохтори калима, тағйироти таркиби морфологӣ ва семантикии калимаву ибораҳо алоқаманд аст. Ташаккули калимаҳои навро бахши калимасозии забон танзим менамояд. Дар қатори калимаҳои наве, ки бо таъсири омилҳои гуногун ба вуҷуд меоянд, бештар калимаҳои мураккаб ба назар мерасанд. Мураккабсозии калима ҳамчун як шохаи забоншиносӣ усули ба як маҷмӯи том таҳия намудани калимаҳо мебошад, ки ду ва зиёда решаро бо ҳам пайваст мекунад ва дар натиҷа калимаи мураккаб сохта мешавад. Мафҳуми калимаи мураккаб аз сабаби мураккаб будани калимаи муайяншаванда, мавҷуд будани калимаҳое, ки бо муайяншаванда наздикии зич доранд ва аз сабаби гуногун будани нуқтаи назари лингвистӣ ва муносибат бо калимаи мураккаб мушкилиҳои зиёдеро дар бар мегирад.

Боби дуюм тахти унвони «Таҳлили муқоисавии сохтор ва маънои воҳидҳои мураккаби луғавӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ» ба таҳлили муқоисавии сохторҳои мураккаби воҳидҳои луғавӣ, воситаҳои морфологии мураккабсозии калима дар забонҳои мавриди назар ва ҳамчунин умумият ва вижагиҳои хоси ҳар ду забон аз нигоҳи таркибёбии сохторҳои гуногун бахшида шудааст. Ҳамчунин қайдҳои муаллиф ҷолиби диққатанд, ки дар диссертатсия омадаанд. Аз ҷумла ҳангоми мутолиаи диссертатсия маълум

мегардад, ки дар забони англисӣ якчанд роҳу воситаҳои калимасозӣ (word-building) мавҷуданд, ки (аффиксатсия, мураккабсозии калима, конверсия, кӯтоҳкунӣ, васлшавии калимаҳо ва ғ.) ба ғанӣ гардидани захираи луғавӣ ва рушди забон нақши хоса мебозанд. Калимаҳои мураккаб метавонанд аз рӯйи шартҳои гуногун тасниф шаванд. Ҳар як намуди калимаҳои мураккаб бояд тибқи маҳсулнокиашон тасниф шаванд. Мувофиқи ин тасниф қоидаҳои танзимшудаи сохторӣ ва семантикии сохтани калимаҳои мураккаб муайян ва муқаррар карда мешаванд. Аз ин рӯ, калимаҳои мураккаби забони англисиро олимони забоншинос вобаста ба роҳу воситаҳои калимасозӣ ба гурӯҳҳои гуногун ҷудо кардаанд.

Боби сеюми дисертатсия таҳти унвони «Хусусияти тарҷумаи воҳидҳои мураккаби луғавии забони англисӣ ба забони тоҷикӣ» ба таҳлили роҳҳои тарҷумаи калимаҳои мураккаб ва сохторҳои нимтиредори забони англисӣ бо истифода аз матнҳои аслӣ ва тарҷумавии публитсистӣ ва бадеӣ бахшида шудааст. Чунон ки дар дисертатсия мушоҳида мегардад, барои ноил шудан ба тарҷумаи беғалат, дақиқ ва касбӣ, тарҷумонро лозим меояд, ки якчанд қоидаю меъёрҳои зарурӣро донад. Тарҷумон барои тарҷумаи дақиқ бояд алоқаи маъноии воҳидҳои мураккаби луғавиро таҳлил намояд, вижагиҳои сохторӣ ва семантикии онҳоро омӯзад ва донад, донишҳои зеҳнии кофӣ дошта бошад, дорои маҳорати тарҷумонӣ бошад. Барои ифодаи дурусти алоқаи маъноӣ тарҷумон кори басо мушкил ва бузургро анҷом медиҳд. Аз тарафи ӯ интиқоли мундариҷаи идеологии матн бо нигоҳ доштани шакли он ҳамчун воситаи ифодаи мундариҷаи мазкур вогузор карда мешавад. Тарҷумон кӯшиш мекунад, ки бо дарназардошти мафҳуми матни асл онро ниҳоятан осонфаҳм тарҷума намояд. Дар раванди тарҷума бояд ба вижагиҳои миллӣ-фарҳангӣ, сохторӣ-семантикӣ, морфологӣ-синтаксисӣ, услубии вожаҳои мураккаб диққати махсус дод. Аксарияти ҳолатҳои назариявии тарҷумаи воҳидҳои мураккаби забони англисӣ ба забони тоҷикӣ дар диссертатсия бо мисолҳои гуногун ва қолиб ва муътамад асоснок ва собит карда шудаанд.

Дар қисмати хулоса муаллифи дисертатсия натиҷаҳои таҳқиқоти худро мантиқан ҷамъбаст менамояд ва ҳамзамон тавсияҳои оид ба натиҷаи таҳқиқотро пешниҳод мекунад.

Диссертатсияи мавриди тақриз, бешубҳа, ба рушди илми забоншиносии муқоисавӣ ва тарҷумашиносии тоҷик ҳангоми истифодаи забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ саҳми арзанда хоҳад гузошт.

Ҳамин тариқ, дисертатсияи Сафарзода Рухангези Акбар «Таҳлили муқоисавии низоми калимаҳои мураккаб ва сохторҳои нимтиредор дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз нигоҳи тарҷума» кори таҳқиқотии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба талаботи «Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯи ихтисоси 6D021300-Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ – таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

Роҳбари илмӣ, доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи забоншиносии
муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи
Донишкадаи давлатии
Забонҳои Тоҷикистон ба номи
СотимУлуғзода Турсунов Фаёзҷон Мелибоевич

Нишонӣ:
734019, ш. Душанбе,
к. Муҳаммадиев17/6
Нишонии электронӣ: rectorat@ddzt.tj
Телефон: (+992 37) 232 50 03

Имзои Турсунов Фаёзҷон
Мелибоевичро тасдиқ мекунам:
мудири шуъбаи кадрҳои Донишкадаи
давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи
Сотим Улуғзода Наҷмуддинов Шоҳиддин Мирзомуддинович

ШУЪБАИ КАДРҲО

15.11.2021